«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон, н.и.п., дотсент
_________________ Сафарзода Д.Ҷ.
«___» ___________ 2026 сол

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи номзадии Қодирзода Саидакбар Сангимурод дар мавзуи «Масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ», аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Қодирзода Саидакбар Сангимурод дар мавзуи «Масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Саидакбар Сангимурод, ки ба масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, дар шароити муосири рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва иқтисоди рақамӣ аҳаммияти махсуси илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дорад.

Дар асри XXI, ки ҳамчун асри иттилоот шинохта мешавад, рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ муносибатҳои ҷамъиятиро ба таври куллӣ тағйир додааст. Иттилоот ба яке аз захираҳои калидии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ табдил ёфта, ҳамзамон ҳамчун объекти мустақили ҳуқуқи маданӣ ва воситаи амалисозии ҳуқуқу озодиҳои инсон баромад мекунад. Дар чунин шароит, масъалаҳои дастрасӣ ба иттилоот, истифодаи озоди он ва ҳифзи манфиатҳои қонунии шахс, аз ҷумла дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо менамоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, бо дарназардошти кафолатҳои конститутсионии озодии сухан ва дастрасӣ ба иттилоот, зарурати таъмини тавозуни манфиатҳои иштирокчиёни муомилоти иттилоотӣ ба миён омадааст. Дар ин раванд, нақши миёнаравони иттилоотӣ, ки интиқол, нигоҳдорӣ ва паҳн намудани иттилоотро тавассути шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ таъмин менамоянд, бениҳоят муҳим арзёбӣ мегардад. Онҳо на танҳо воситаи техникӣ, балки субъекти мустақили муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошанд, ки фаъолияти онҳо ба ҳуқуқу манфиатҳои доираи васеи шахсон таъсир мерасонад.

Дар шароити рушди босуръати бозори хизматрасониҳои алоқа ва интернет дар кишвар, афзоиши шумораи истифодабарандагон, зиёд гардидани ҳаҷми мубодилаи иттилооти рақамӣ ва гӯстариши инфрасохтори рақамӣ, фаъолияти миёнаравони иттилоотӣ мазмун ва хусусияти нав касб намудааст. Бо вуҷуди ин, қонунгузории амалкунанда то ҳол мафҳум, мақом ва доираи ҳуқуқу уҳдадориҳои миёнарави иттилоотиро ба таври мукаммал танзим накардааст.

Махсусан, масъалаҳои зерин мубрамияти мавзуъро тақвият мебахшанд: номуайян будани мақоми ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ дар низоми ҳуқуқи маданӣ; мушаххас нагардидани ҳадду ҳудуди масъулияти онҳо барои интиқол ва паҳн намудани иттилоот; мавҷудияти холигиҳо дар танзими муносибатҳои байни миёнаравон ва истифодабарандагон; зарурати такмили механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ дар шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ; инчунин нокифоя будани таҳқиқоти илмии комплексӣ дар ин самт дар илми ҳуқуқшиносии миллӣ.

Гарчанде ки баъзе меъёрҳои алоҳидаи қонунгузорӣ, аз ҷумла муқаррароти вобаста ба иттилоот ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ ва масъулият барои вайрон кардани ҳуқуқ дар муҳити рақамӣ, заминаи муайянро фароҳам меоранд, аммо онҳо ҳамаи паҳлуҳои мураккаби фаъолияти миёнаравони иттилоотиро фаро гирифта наметавонанд. Ин ҳолат дар амал боиси ба вуҷуд омадани баҳсҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла вобаста ба масъулияти миёнаравон барои паҳн намудани иттилооти ғайриқонунӣ ва ё вайрон намудани ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ мегардад.

Илова бар ин, густариши иқтисоди рақамӣ, ҷалби сармоягузориҳо ба соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, баланд гардидани нақши ширкатҳои интернет-провайдер ва операторони алоқа, инчунин афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои рақамӣ масъалаи муайян намудани тавозуни манфиатҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва хусусиро дар ин соҳа ба миён мегузорад.

Аз ин рӯ, таҳқиқи комплексии масъалаҳои вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ на танҳо дорои аҳаммияти назариявӣ буда, ба рушди илми ҳуқуқи

маданӣ мусоидат менамояд, балки барои ҳалли мушкилоти амалии ҳуқуктатбиқнамоӣ, такмили қонунгузорӣ ва таъмини рушди устувори ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аҳаммияти муҳим дорад.

Бо дарназардошти ҳолатҳои зикршуда, мавзуи диссертатсия мубрам, саривақтӣ ва ҷавобгӯи талаботи рушди илми ҳуқуқшиносии миллӣ ва ниёзҳои амалии танзими муносибатҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Дараҷаи асосноккунии натиҷаҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия ироагардида дар маҷмуъ метавонанд мусбат арзёбӣ шаванд. Муаллиф ҳангоми таҳқиқ аз заминаи мустаҳками назариявӣ, меъёрии ҳуқуқӣ ва эмпирикӣ истифода бурда, масъалаҳои марбут ба вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотиро дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ ба таври системавӣ ва пайдарпай таҳлил намудааст.

Пеш аз ҳама, асоснокии натиҷаҳо бо такя ба таҳлили муфассали қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи алоқа ва иттилоот таъмин гардидааст. Муаллиф меъёрҳои ҳуқуқиро на танҳо тавсиф, балки онҳоро аз нуқтаи назари нокифоягии танзим, мавҷудияти холигиҳо ва зарурати такмили онҳо мавриди таҳлил қарор додааст.

Ҳамзамон, дараҷаи асосноккунии хулосаҳо бо истифодаи васеи сарчашмаҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ таъмин шудааст. Дар диссертатсия мавқеи олимони соҳаи ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи иттилоотӣ мавриди таҳлил ва муқоиса қарор гирифта, дар заминаи онҳо андешаҳои мустақили муаллиф ташаккул ёфтаанд. Ин равиш имкон додааст, ки натиҷаҳои бадастомада дорои хусусияти на танҳо тавсифӣ, балки таҳлилӣ ва назариявӣ бошанд.

Муаллиф дар баррасии мафҳум ва моҳияти миёнарави иттилоотӣ, муайян намудани мақоми он ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқи маданӣ, инчунин дар таҳлили қобилияти ҳуқуқдорӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳо ва хусусиятҳои ҷавобгарии ҳуқуқии он далелҳои мантиқӣ ва меъёриро пешниҳод намудааст. Хулосаҳо оид ба зарурати мушаххас намудани мақоми ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ дар қонунгузорӣ ва такмили механизмҳои ҷавобгарии онҳо аз таҳлили вазъи амалкунанда ва камбудиҳои мавҷуда маншаъ гирифта, ба онҳо хусусияти асоснок ва амалӣ мебахшанд.

Пешниҳодҳои муаллиф, аз ҷумла вобаста ба такмили танзими ҳуқуқии фаъолияти операторони алоқа ва провайдерҳои интернетӣ, муайян намудани доираи ҳуқуқу ухдорихои онҳо, инчунин мушаххас намудани асосҳои ҷавобгарии онҳо дар муносибатҳои иттилоотӣ, дар заминаи таҳлили назариявӣ

ва амалияи мавҷуда тақия гардидаанд, ки ин ба онҳо аҳаммияти амалӣ медиҳад.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия баёншуда дорои дараҷаи кофии асосноккунӣ буда, метавонанд барои рушди минбаъдаи назария ва амалияи ҳуқуқи маданӣ дар самти танзими фаъолияти миёнаравони иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намоянд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.**

Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда. Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки диссертатсия яке аз аввалин пажӯҳишҳои мукаммали комплексӣ дар илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки масъалаҳои вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ ва танзими ҳуқуқии фаъолияти онҳо дар шароити рушди иқтисоди рақамиро ба таври низомнок ва фарогир мавриди таҳлил қарор медиҳад.

Муаллиф бори аввал дар илми ватанӣ масъалаҳои зеринро ба таври илмӣ асоснок намудааст: муайян намудани мафҳум ва аломатҳои ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқи маданӣ; асоснок кардани хусусияти иҷозатномавии қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии миёнарави иттилоотӣ; таҳлили намудҳои миёнаравони иттилоотӣ дар низоми муносибатҳои иттилоотӣ; муайян намудани хусусиятҳои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии онҳо; инчунин таҳлили махсуси ҷавобгарии ҳуқуқи мадании миёнарави иттилоотӣ бо дарназардошти хусусияти техникии фаъолияти онҳо дар шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ.

Навоварии таҳқиқ инчунин дар пешниҳоди муносибати нав ба мақоми ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ ҳамчун унсури калидии инфрасохтори иттилоотӣ зоҳир мегардад. Дар диссертатсия исбот шудааст, ки миёнарави иттилоотӣ на танҳо ҳамчун провайдери хизматрасонии техникӣ, балки ҳамчун субъекти фаъол дар гардиши иттилооти рақамӣ баромад намуда, дар таъмини тавозуни манфиатҳои истифодабарандагон, давлат ва соҳибкорон нақши муҳим дорад.

Саҳеҳии натиҷаҳои бадастомада бо якчанд омил таъмин гардидааст. Пеш аз ҳама, заминаи меъёрии таҳқиқотро таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои соҳавӣ дар соҳаи алоқа ва хизматрасониҳои рақамӣ ташкил медиҳад. Ин имкон додааст, ки хулосаҳо бо меъёрҳои ҳуқуқии амалкунанда мутобиқ бошанд.

Дуюм, асоси назариявии таҳқиқ бо истифодаи интиқодии осори олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи иттилоотӣ ва танзими муносибатҳои рақамӣ мустаҳкам карда шудааст. Ин равиш имкон додааст, ки

натиҷаҳо танҳо тавсифӣ набошанд, балки хусусияти таҳлилӣ ва муқоисавӣ дошта бошанд.

Сеюм, дар таҳқиқ усулҳои умумиилмӣ ва махсуси таҳқиқотӣ, аз ҷумла усулҳои диалектикӣ, таҳлили низомнок, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ истифода шудаанд, ки баррасии масъалаҳоро дар робитаи мантиқӣ ва пайдарпайӣ таъмин намудаанд.

Чорум, саҳеҳии натиҷаҳо бо такя ба маълумоти амалии фаъолияти операторони алоқа ва интернет-провайдерҳо, инчунин таҳлили вазъи воқеии рушди бозори хизматрасониҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвият ёфтааст.

Дар маҷмӯъ, навоварии илмии таҳқиқ дар ташаккули муносибати муосир ва мукаммал ба вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ ифода ёфта, саҳеҳии натиҷаҳо бо заминаи қавии назариявӣ, меъёрӣ ва эмпирикӣ таъмин гардидааст, ки ин ба баланд гардидани арзиши илмӣ ва амалии диссертатсия мусоидат менамояд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия. Аҳаммияти илмии таҳқиқот бо он ифода мегардад, ки натиҷаҳои диссертатсия ба рушди назарияи ҳуқуқи маданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас мегузоранд. Муаллиф бо таҳлили комплексии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ, муайян намудани мафҳум, аломатҳо, намудҳо ва хусусиятҳои ҳуқуқии он, инчунин асоснок кардани ҷойгоҳи он дар низоми субъектҳои ҳуқуқи маданӣ, заминаи нави назариявиро барои омӯзиши минбаъдаи муносибатҳои ҳуқуқии рақамӣ фароҳам овардааст. Таҳқиқот метавонад ҳамчун сарчашмаи илмӣ ҳангоми таҳияи корҳои диссертатсионӣ, рисолаҳои магистрӣ, мақолаҳои илмӣ ва курсҳои махсуси таълимӣ дар соҳаҳои ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва ҳуқуқи иттилоотӣ истифода шавад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он асоснок карда мешавад, ки пешниҳодҳои муаллиф хусусияти амалӣ дошта, ба такмили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи алоқа ва хизматрасониҳои электронӣ равона гардидаанд. Татбиқи ин пешниҳодҳо метавонад ба мушаххас гардидани мақоми ҳуқуқии миёнаравони иттилоотӣ; такмили низоми ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо; муайян намудани асосҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҳолати вайронкунии қонунгузорӣ; инчунин ба беҳтар гардидани танзими муносибатҳои байни истифодабарандагон ва провайдерҳои хизматрасониҳои иттилоотӣ мусоидат намояд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар фаъолияти

мақомоти давлатӣ, судҳо, операторони алоқа ва интернет-провайдерҳо мавриди истифода қарор гиранд.

Аҳаммияти иқтисодии рисола дар он зикр мегардад, ки миёнаравони иттилоотӣ яке аз унсурҳои асосии инфрасохтори иқтисоди рақамӣ ба ҳисоб рафта, фаъолияти самараноки онҳо ба рушди бозори хизматрасониҳои электронӣ ва рақобатпазирии иқтисоди миллӣ таъсири мустақим дорад. Такмили танзими ҳуқуқии ин соҳа метавонад ба ҷалби сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ, баланд бардоштани самаранокии хизматрасониҳои интернетӣ, коҳиш додани хавфҳои ҳуқуқӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди бозори рақамӣ мусоидат намояд. Ин омилҳо дар маҷмуъ ба таҳкими иқтисоди рақамӣ ва баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии кишвар дар фазои байналмилалӣ замина фароҳам меоранд.

Аҳаммияти иҷтимоии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки фаъолияти самараноки миёнаравони иттилоотӣ ба беҳтар гардидани дастрасии аҳолӣ ба иттилоот, баланд бардоштани сатҳи хизматрасониҳои рақамӣ ва рушди ҷомеаи иттилоотӣ мусоидат менамояд. Танзими дурусти ҳуқуқии ин муносибатҳо метавонад ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои истифодабарандагон, аз ҷумла ҳифзи маълумоти шахсӣ, таъмини амнияти иттилоотӣ ва пешгирии сӯиистифода дар шабакаҳои интернетӣ мусоидат кунад. Инчунин, рушди низоми шаффоф ва устувори хизматрасониҳои иттилоотӣ ба баланд шудани фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа ва эътимоди шаҳрвандон ба муҳити рақамӣ таъсири мусбат мерасонад.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳаммияти баланди илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буда, метавонанд дар рушди минбаъдаи қонунгузорӣ, такмили амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи танзими фаъолияти миёнаравони иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим ва муассир бозанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо истифода аз заминаи мустаҳками назариявӣ ва таҳлили ҳамаҷонибаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дигар санадҳои ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи алоқа ва хизматрасониҳои рақамӣ асоснок гардидаанд. Муаллиф усулҳои муосири илмӣ – таҳлили низомнок, диалектикӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва таърихӣ-ҳуқуқиро татбиқ намуда, масъалаҳои марбут ба вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотиро пайдарпай ва дар иртиботи мантиқӣ мавриди баррасӣ қарор додааст.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои диссертатсия мустақиман аз натиҷаҳои таҳлил бармеоянд, ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ мутобиқ буда, хусусияти эъломиявӣ надоранд. Онҳо дар заминаи муқоисаи мавқеи илмӣ, меъёрҳои ҳуқуқии

амалкунанда ва вазъи воқеии муносибатҳои иттилоотӣ ташаккул ёфтаанд, ки ин ба баланд гардидани сатҳи асоснокии онҳо мусоидат намудааст.

Пешниҳодҳои ироашуда дорои аҳаммияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ мебошанд, зеро ба такмили танзими ҳуқуқии фаъолияти миёнаравони иттилоотӣ ва рушди қонунгузории соҳаи муносибатҳои рақамӣ равона гардидаанд. Ҳамин ҳолат ба дурустӣ, эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои бадастомада шаҳодат медиҳад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаб дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқот мустақилона анҷом дода шуда, масъалагузорӣ, интихоби усулҳои илмӣ, ҷамъоварӣ ва таҳлили маводи назариявӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин хулосабарорӣ аз ҷониби муаллиф амалӣ гардидааст. Довталаб бори аввал дар доираи илми ҳуқуқшиносии миллӣ масъалаи вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотиро дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ ба таври комплексӣ таҳлил намуда, мақоми ҳуқуқии онҳоро ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқи маданӣ асоснок кардааст.

Ҳамчунин, дар таҳқиқ мафҳум, аломатҳо, намудҳо, ҳуқуқу уҳдадориҳо ва хусусиятҳои ҷавобгарии ҳуқуқии миёнаравони иттилоотӣ бо такя ба таҳлили мустақили муаллиф муайян ва асоснок гардидаанд. Пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили қонунгузорӣ, аз ҷумла вобаста ба муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи алоқа ва хизматрасониҳои рақамӣ, маҳсули таҳлили мустақилонаи довталаб мебошанд.

Муаллиф дар раванди таҳқиқ усулҳои умумиилмӣ ва махсуси таҳқиқотӣ, аз ҷумла таҳлили низомнок, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва таърихӣ-ҳуқуқиро мустақилона татбиқ намуда, дар асоси онҳо мавқеи илмии худро ташаккул додааст. Натиҷаҳои бадастомада дар шакли хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ пешниҳод гардида, дар муҳити илмӣ ва таълимӣ низ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Ҳамин тариқ, саҳми шахсии довталаб дар мустақилияти пурраи таҳқиқ, таҳияи консепсияи илмии муаллиф, коркарди пешниҳодҳои такмили қонунгузорӣ ва хулосабарории илмӣ ифода ёфта, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсияро муайян менамояд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, ба нашр расидаанд. Аз ҷумла, довталаб 4 мақолаи илмиро дар чунин маҷаллаҳо интишор намудааст, ки мазмуну муҳтавои онҳо паҳлуҳои асосии мавзуи таҳқиқот, аз қабили мафҳум ва вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ, танзими ҳуқуқии фаъолияти

онҳо дар шароити иқтисоди рақамӣ, хусусиятҳои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии миёнаравони иттилоотӣ, инчунин масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқии онҳоро дар бар мегиранд.

Ҳамзамон, натиҷаҳои дигари таҳқиқ дар маҷмӯъ дар як қатор мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои дигар, инчунин дар маърузаҳо ва маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ инъикос ёфтаанд. Ин мақолаҳо ва баромадҳои илмӣ ҷанбаҳои гуногуни мавзуъ, аз ҷумла нақши миёнаравони иттилоотӣ дар гардиши иттилооти рақамӣ, таносуби онҳо бо дигар субъектҳои ҳуқуқи маданӣ ва масъалаҳои такмили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро мегиранд.

Ҳамин тариқ, нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва дигар нашрияҳои илмӣ аз сатҳи баланди коркарди илмии мавзуъ, эътимоднокии натиҷаҳо ва эътирофи онҳо дар муҳити илмӣ шаҳодат медиҳад.

Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо таѓйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.**

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз ҷиҳати мазмун, сохтор ва ҳаҷм комилан анҷомёфта буда, ба талаботи корҳои илмии дараҷаи номзадӣ мутобиқ мебошад. Сохтори он ба таври мантиқӣ ва пайдарпай таҳия гардида, имкон медиҳад, ки масъалаҳои таҳқиқшаванда ба таври мукаммал, системавӣ ва фарогир баррасӣ шаванд. Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқ асоснок гардида, дараҷаи омӯзиши масъала дар адабиёти илмӣ арзёбӣ шудааст. Ҳамзамон, объект ва предмети таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳо, асосҳои назариявию методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, инчунин саҳми шахсии муаллиф ва дигар ҷанбаҳои умумии таҳқиқот ба таври возеҳ ва муфассал муайян гардидаанд.

Сохтори диссертатсия аз се боб, шаш зербоб, муқаддима, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи нашрияҳои муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Ин сохтор ба таври пурра ба мантиқ ва ҳадафҳои таҳқиқот мувофиқ буда, пайдарҳамии дохилии бобҳо ва зербобҳо имкон медиҳад, ки мавзуъ аз ҷанбаҳои гуногун баррасӣ гардад.

Дар боби якум масъалаҳои умумии марбут ба мафҳум, моҳият ва намудҳои миёнарави иттилоотӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф мафҳуми миёнарави иттилоотиро дар заминаи назарияи ҳуқуқи маданӣ ва рушди муносибатҳои рақамӣ шарҳ дода, хусусиятҳои асосии онҳоро муайян менамояд. Ба ин ҷумла аломатҳои ҳуқуқии миёнаравӣ, нақши онҳо ҳамчун

воситаи интиқол, нигоҳдорӣ ва дастрас намудани иттилоот дар муҳити шабакавӣ дохил мешаванд. Ҳамзамон, таносуби миёнарави иттилоотӣ бо дигар субъектҳои ҳуқуқи маданӣ, аз ҷумла провайдерҳо, операторони алоқа ва корбарони хизматрасониҳои рақамӣ таҳлил карда мешавад. Муаллиф инчунин намудҳои гуногуни миёнаравони иттилоотиро вобаста ба вазифа ва нақши онҳо дар низоми иттилоотӣ ҷудо ва асоснок менамояд.

Дар боби дуюм вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар ин қисм масъалаҳои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии миёнарави иттилоотӣ, хусусияти иҷозатномавии фаъолияти онҳо, инчунин ҳуқуқу уҳдадориҳои субъективӣ ба таври муфассал баррасӣ гардидаанд. Муаллиф таъкид менамояд, ки фаъолияти миёнаравони иттилоотӣ дорои хусусияти махсус буда, бо иҷозатномаи мақомоти ваколатдор танзим мегардад, ки ин ба маҳдудиятҳои муайяни ҳуқуқӣ оварда мерасонад. Ҳамзамон, таносуби танзими давлатӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ дар ин соҳа таҳлил гардида, зарурати таъмини тавозуни манфиатҳои давлат, соҳибкорон ва истифодабарандагон асоснок карда мешавад.

Дар боби сеюм масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқи мадании миёнарави иттилоотӣ баррасӣ гардидаанд. Муаллиф моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ, асосҳои ба вуҷуд омадани он, шаклҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва механизмҳои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои истифодабарандагонро таҳлил менамояд. Ба таври махсус масъалаи масъулияти миёнарав дар ҳолатҳои вайрон гардидани талаботи қонунгузорӣ, шартномаҳо ва уҳдадориҳои иҷозатномавӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф зарурати такмили механизмҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро бо дарназардошти рушди технологияҳои иттилоотӣ ва хусусияти муносибатҳои рақамӣ асоснок менамояд.

Ҳаҷми умумии диссертатсия ба меъёрҳои муқарраршуда комилан ҷавобгӯ буда, фарогирии мазмун ва сохтори он имкон медиҳад, ки ҳамаи масъалаҳои асосии таҳқиқшаванда ба таври мукаммал инъикос ёбанд. Матни таҳқиқот бо такя ба заминаи мустаҳками назариявӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин таҳлили маводи илмӣ ва таҷрибаи амалии соҳа таҳия гардидааст.

Дар маҷмуъ, диссертатсия аз ҷиҳати сохтор, мазмун ва ҳаҷм комилан анҷомёфта буда, дорои пайдарҳамии мантиқӣ, таҳлили фарогир ва сатҳи баланди коркарди илмӣ мебошад. Он метавонад ҳамчун таҳқиқоти мустақил ва дорои арзиши назариявӣ ва амалӣ дар рушди минбаъдаи ҳуқуқи маданӣ ва танзими муносибатҳои рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Барасмиятдарорӣ ва сохтори диссертатсия дар маҷмуъ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсия мутобиқи меъёрҳои муқаррааргардида таҳия гардида, аз муқаддима, се боби мантиқӣ пайдарпай, зербобҳо, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаб иборат аст. Сохтори кор ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ мутобиқат дошта, пайдарпайии мантиқии баррасии масъалаҳоро таъмин менамояд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ. Мавзуъ, муҳтаво ва самти таҳқиқоти диссертатсионии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.5.3. «Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ» пурра мутобиқат менамояд.

Дар диссертатсия масъалаҳои марбут ба танзими ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, муайян намудани мафҳум ва моҳияти миёнарави иттилоотӣ ҳамчун субъекти ҳуқуқи маданӣ, таҳлили қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии онҳо, танзими ҳуқуқу уҳдадориҳои субъективӣ, инчунин хусусиятҳои ҷавобгарии ҳуқуқи мадании миёнаравони иттилоотӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, ки мустақиман ба доираи ҳуқуқи маданӣ ва ҷанбаҳои марбут ба танзими муносибатҳои соҳибкорӣ дар муҳити рақамӣ мансуб мебошанд.

Ҳамзамон, таҳқиқот бо дарназардошти робитаи миёнаравони иттилоотӣ бо муносибатҳои шартномавӣ, хизматрасониҳои иттилоотӣ ва гардиши иттилооти рақамӣ анҷом дода шуда, масъалаҳои мазкур ба таври бевосита ба институтҳои асосии ҳуқуқи маданӣ, аз ҷумла муносибатҳои уҳдадорӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ алоқаманд мебошанд.

Дар маҷмуъ, самти таҳқиқот ва натиҷаҳои илмии бадастомада сатҳи баланди мутобиқати тахассуси илмии довталабро ба дараҷаи илмии дархостшаванда нишон медиҳанд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Новобаста аз дастовардҳои назаррас ва аҳаммияти баланди илмӣ-амалии диссертатсия, он дорои як қатор камбудиҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб мебошад, ки асосан хусусияти ҷузъӣ доранд:

1. Муаллиф дар рисолаи илми усулҳои муосири илмӣ-таҳлили низомнок, диалектики муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва таърихи-ҳуқуқиро татбиқ намудааст, хуб мебуд оид ба масъалаи муайян намудани асосҳои ҷавобгарии

ҳуқуқӣ дар ҳолати вайрон намудани қонунгузорӣ дар амалияи судҳои иқтисодӣ ҷамбастии судҳо ва омори онҳоро нишон медод.

2. Муаллиф дар рисолаи илмӣ оид ба вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ татбиқи қонунгузории мамлакатҳои ҳамсоя Узбекистон ва Қазоқистонро дар қонунгузориашон ва масъалаҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии онҳоро муқоиса менамудед боз беҳтар мешуд.

3. Муаллиф дар рисолаи илмӣ ба масъалаҳои иқтисоди рақамӣ ё зеҳни сунъӣ дар диссертатсия диққати ҷидди медиҳад. Оид ба ин масъала хуб мешуд васеътар маълумот пешниҳод карда шавад, зеро дар Паёми Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва бо имзои фармон дар моҳи январи соли 2025, солҳои 2025-2030-ро ҳамчун «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва иноватсия» эълон намудааст. Ин ташаббус ба ҳадафи суръат бахшидан рақамикунонии иттилооти соҳаҳои гуногуни ҳуқуқию иқтисодӣ ва таҳкими мавқеъи Тоҷикистон дар муҳити технологияи ҷаҳони равона шудааст. Ба андешаи мо ҳолати мазкурро хуб мешуд, ки амиқтар мавриди таҳлил қарор медодед.

Бо вуҷуди ин эродҳо, ҳамаи камбудиҳои зикршуда хусусияти ҷузъӣ доранд ва ба сатҳи умумии илмӣ ва арзиши амалии кори анҷомшуда таъсири ҷиддӣ намерасонанд. Баръакс, ба назар гирифтани онҳо дар таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф метавонад барои мукаммалсозии бештар ва тавсеаи самтҳои нави тадқиқот хидмат намояд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Қодирзода Саидакбар Сангимурод дар мавзуи «Масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ», аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талдаботи мавҷуда мувофиқ мебошад. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешгбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79, ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Диссертасия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ назариявии кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисоди факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар семинар иштирок доштанд 9 нафар: Тарафдор 9 нафар, муқобил – бетараф нест. Протоколи семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №8 аз 4 майи соли 2026.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби М.Т. Раупова доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда шуда, дар ҷаласаи кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар маҷлис иштирок доштанд 9 нафар: тарафдор 9 нафар, муқобил – бетараф нест. Протоколи кафедра таҳти №8 аз 4 майи соли 2026.

**Раиси семинари илмӣ-назариявӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент мудири кафедраи ҳуқуқи
маданӣ ва иқтисодии Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Олимзода Д.А.

**Ташхисгар:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи ҳуқуқи
маданӣ ва иқтисодии Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раупова М.Т.

**Котиби ҷаласа:**
муаллими калони кафедраи
ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуров Ф.Б.

«Имзои Олимзода Д.А., Раупова М.Т.,
Нуров Б.Ф.-ро тасдиқ мекунам»:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсус Насурдинзода А.Н.

**Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, кучаи Саид Носир 33
Тел: (+992 37) 224-45-29, https://www.apa.tj, info@apa.tj, «04» 05 соли 2026